# ТАҚРИЗИ

**муқarrизи расмӣ ба диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович дар мавзӯи “Флора ва экологияи обсабзҳои сабзи (Chlorophyta) ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод шудааст**

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Дар солҳои охир таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологии организмҳои зинда ҳамчун таъминкунандагони ҳаёт дар биосфера зиёд гаштаст. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои муҳими муосир ин омӯзиш ва ҳифзи гуногунии олами наботот ба ҳисоб меравад.

Яке аз вазифаҳои муҳим ин ҳифзи захираҳои табиӣ ва истифодабарии оқилонаи он мебошад. Барои ҳалли ин масъалаҳо ҷамъоварии маълумотҳои флористикӣ ва омӯзиши ҳолати имрӯзаи растаниҳо зарур мебошанд. Таҳқиқоти флористӣ яке аз марҳилаҳои аввалини ҳалли масъалаи ҳифзи олами наботот ва нигоҳ доштани генофонди олами наботот мебошад.

Диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович актуалӣ буда, дар он бори аввал омӯзиши обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон гузаронида шудааст, ки то ҳол оид ба ин мавзӯъ таҳқиқоти муфассал гузаронида нашудааст.

Сохтори рисолаи номзадӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 142 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия шудааст. Дар рисола 12 расм, 27 ҷадвал ва як замима ҷой дода шудаанд. Рӯйхати адабиёт 138 манбаъро дар бар мегирад, ки 12 манбаъ бо забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Дар муқаддима ба таври мухтасар аҳамияту мубрамияти рисолаи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии рисола баррасӣ шудаанд. Инчунин, диссертант дар бораи муҳиммияти мавзӯи илми натиҷаҳои омӯзиши хусусиятҳои обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон маълумот овардааст.

Мақсади таҳқиқот ин омӯзиш ва муайян намудани хусусиятҳои экологӣ, таснифотӣ, флоравӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон мебошад.

Навгониҳои илмии бадастомадаи унвонҷӯ ин нахустин маротиба обсабзҳои сабз (Chlorophyta)-и ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва

водии Зарафшон омӯхта шуда, гуногунии биологӣ, таркиб ва сохтори алгофлораи онҳо пешниҳод карда шудааст.

Боби якуми рисола доир ба ҳолат ва дурнамои омӯзиши обсабзҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон маълумотҳо оварда шудааст. Унвонҷӯ таҳлили амиқи омӯзиши обсабзҳои сабзро гузаронида муайян намудааст, ки то имрӯз оид ба сохт ва хусусиятҳои ин обсабзҳои сабз, шакли паҳншавии экологию географии намудҳо, тағйирёбии мавсимии обсабзҳои сабз дар ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пурра таҳқиқ нашудааст. Ҳанӯз масъалаҳои назариявии систематикӣ, флористикӣ, экологӣ ва географии обсабзҳои сабз ба омӯзиш ва баррасии илмӣ ниёз доранд.

Дар боби дуюм оид ба тавсифи физикӣ, географӣ ва гидрологии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон, сохтори гидрографӣ ва гидрологӣ ҳамчунин набототи минтақаи таҳқиқотӣ маводҳо пешниҳод гардидааст.

Боби сеюми рисола доир ба мавод ва методҳои таҳқиқот маълумотҳо гирд оварда шудаанд. Диссертант 650 намунаҳои обсабзҳои сабзро аз қисмати гуногуни Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бо усули хатсайрӣ дар давраи баҳор, тобистон ва тирамоҳи солҳои 2015-2020 ҷамъоварӣ намудааст.

Натиҷаҳои асосии рисолаи номзадӣ дар бобҳои 4-5 дарҷ гардидаанд. Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълум шудааст, ки дар асоси коркарди маводҳои ҷамъовардашуда рӯйхати умумии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ тартиб дода шуда, таснифоти онҳо муайян гардид, ки 195 намуд ва зернамудро дар бар мегиранд. Аз ин шумора 31 намуд ва зернамудашон бори аввал дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ва 12 намуд ва 6 зернамуд ҳамчун бозёфтҳои нави флоравӣ барои Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

Унвонҷӯ дар диссертатсия маълумотҳоро доир ба гуногуннамудӣ, таркиби систематикӣ ва паҳншавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон ба таври пурра пешниҳод намуда, таҳлили ботафсили монандӣ ва фарқиятҳо дар таркиби алгофлораи минтақаи таҳқиқот ва паҳншавии экологии намудҳо муайян кардааст. Илова бар ин, аввалин маротиба таҳлили муқоисавии обсабзҳои сабзи Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон гузаронида шуда, 53 намуди обсабзҳои индикаторӣ, ки бо тарзи биологӣ (биоиндикатсия) муайян кардани ҳолати санитарии обҳои Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон пешниҳод намудааст.

Дар диссертатсия яке аз қисмати муҳим ин таҳлили муқоисавии флораи обсабзҳои сабзи ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон бо флораи дигар минтақаҳо мебошад. Унвонҷӯ муқоисаи оилаҳо ва авлодҳои аз ҷиҳати шумораи намудӣ бартаридоштаро бо обсабзҳои сабзи дигар обҳавзаҳои бузурги Тоҷикистон ва минтақаҳои Осиё гузаронидааст, ки аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар байни минтақаҳои муқоисашаванда аз рӯйи ҷойгиршавии авлодҳои бартаридоштаи обсабзҳои сабз Тоҷикистони Шимолӣ бо Тоҷикистони Ҷанубӣ ва Туркманистон монандии бештар доранд, ки ин аз монанд будани релефи минтақа, таркиби гидрологӣ ва гидрохимиявии обҳои таҳқиқшаванда шаҳодат медиҳад.

Дар асоси таҳлили монандии таркиби намудии ҳавзаҳои обии Тоҷикистони Шимолӣ ва водии Зарафшон аз коэффитсиенти монандии флоравии Жаккара истифода шудааст, ки дараҷаи монандии намудҳои обсабзҳои сабз дар ҳавзаҳои обии таҳқиқшавандаро унвонҷӯ ба пуррагӣ шаҳр додааст.

Таҳлили натиҷаҳои бадастоварда нишон медиҳанд, ки дар баробари ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррааргардида оид ба "Тартиби дарёфти дараҷаҳои илмии номзади илм ва доктори илм дар Шӯроҳои диссертатсионӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ будан, диссертатсия аз якчанд камбудиву норасогиҳо холӣ нест:

1. Дар баробари бо забони равони тоҷикӣ навишта шудани диссертатсия, дар он баъзе хатогиҳои имлоӣ дида мешаванд;
2. Дар диссертатсия адабиёти муосир оид ба мавзӯъ кам ба чашм мерасад.
3. Барои муайян кардани дараҷаи монандии таркиби намудии обсабзҳо унвонҷӯ аз коэффитсиенти монандии флоравии Жаккар истифода кардааст. Дар ояна хуб мешуд, ки барои таҳлил аз коэффитсиенти монандии флоравии Сёренсен-Чекановский истифода барад.

Диссертатсияи Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович таҳқиқоти муҳими илмӣ маҳсуб ёфта, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти муосири илмии бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ иҷрогардида мебошад ва камбудиву норасоиҳои зикргардида, ҳеҷ гоҳ ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва натиҷаҳои илмии бадастовардашуда таъсир намерасонанд.

Аз рӯи мубрамии худ мавзӯъ, мақсад, вазифа, таркиб ва ҳаҷми таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирсабуров Шавкатҷон Мираҳматович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника сазовор аст.


Сарходими илмии Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбеков, АМИТ, д.и.б. Наврузшоев Д.

736002, ш. Хоруғ, кӯч. Холдорова 1
Тел.:+ (992) 93 601 10 48;
E-mail: dovutsho@mail.ru


Имзои Наврузшоев Д.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Институти
биологии Помир ба номи академик
Х.Ю. Юсуфбеков, АМИТ Наврузқулова Л.

5.11.2022